**САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН**

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp


# АНҶОМИ «ЛОИҲАИ СОХТМОНИ БИНОИ НАВИ МАКТАБИ №30 ДАР ДЕҲАИ СЕШАНБЕ, ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА» ДАР ДОИРАИ КӮМАКИ РАСМИИ РУШДИ ҶОПОН

**Душанбе, ТАДЖИКИСТАН**

22 октябри 2024 года **ҷ-би Тошиҳиро АИКИ**, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон, ҳамрох бо **ҷ-би Парвиз АКРАМЗОДА**, раиси шаҳри Турсунзода, дар маросими ба истифода додани «Лоиҳаи сохтмони бинои нави мактаби №30 дар деҳаи Сешанбе, шаҳри Турсунзода» иштирок намуданд. Дар ин маросим намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва сокинони деҳа низ ширкат доштанд.

Барои татбиқи ин лоиҳа, дар доираи барномаи Ҳукумати Ҷопон "Кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ" (GGP) бо маблағи $91,280 доллари ИМА грант ҷудо карда шуд. Қаблан мактаби №30, 3 бинои мактаб дошт, аммо ҳамагӣ ду бинои он мавриди истифода қарор дошт, бинои сеюм бошад, хароб ва барои нигоҳ доштани ашёи хониш истифода мешуд. Ин ба нарасидани синфхонаҳо оварда расонд, ки тақрибан 100 нафар кӯдакони синни мактабӣ ба мактаб фаро гирифта намешуданд. Дар натича бисёр бачагон маҷбур буданд, ки 1-3 километр масофаро тай карда, ба мактабхои берун аз деха раванд, зеро автобуси мактабӣ набуд.

Барои ҳалли мушкилот дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи мазкур бинои нав дорои 8 синфхона сохта шуд. Ин бинои нав на танҳо мушкили аз ҳад зиёдро бартараф мекунад, балки ҳамчунин шароити беҳтари таълимро фароҳам меорад, то хонандагон дар деҳаи худ ба мактаб раванд. Ба шарофати васеъшавӣ акнун дар мактаби рақами №30 беш аз 500 нафар хонандагон метавонанд таҳсил кунанд, ки дастрасии онро ба таълим хеле беҳтар намуда, сифати таҳсилоти ҳамагонӣ дар деҳаро ҳам барои наслҳои ҳозира ва ҳам барои наслҳои оянда беҳтар мекунад.

Дар маросим Сафири Фавқулода ва Муҳтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҷ-би Тошиҳиро АИКИ,** Ҳозирин ва сокинони деҳаро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳа табрик гуфта, қайд кард, ки Ҷопон дар тӯли беш аз 30 соли ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон ба халқи тоҷик ҳамчун як дӯсти хуб дар соҳаҳои гуногун кӯмак кардааст ва маориф яке аз бахшҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ҷопон мебошад.

Раиси шаҳри Турсунзода ва сокинони деҳа барои кумакҳои расонидашуда ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон изҳори сипос намуданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ "GGP" тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***462*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$38,3*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла 150 лоиҳа дар соҳаи маориф.*





